**ТАҚРИЗ**

*ба автореферати доктории Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънoии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ.*

Дар диссертатсия дар бунёди маводи осори мансури асрҳои XV-XVI чунин вазифаҳои мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:а) таҳқиқи масъалаҳои назариявии марбут ба хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи насри асрҳои XV-XV1; б) ҷамъоварӣ ва таснифоти ибораҳои феълӣ аз ҷиҳати маъно, вижагиҳои грамматикӣ ва дараҷаи истифода; в) муайян намудани мавқеъ ва ҷойгоҳи ибораҳои феълӣ дар осори насрии асрҳои XV- XV1; г) муайян намудани қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълӣ; ғ) ошкор сохтани воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои ибораи феълӣ ва вобаста ба он муайян намудани хусусиятҳои луғавию грамматики ҷузъҳои ибора; д) нишон додани муносибатҳои наҳвӣ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ; е) муайян кардани умумият ва тафовутҳои ибораҳои феълии забони осори насри асрҳои XV- XV1 бо забони адабии ҳозираи тоҷик; ё) бо усули басомад муайян кардани дараҷаи истеъмоли пешояндҳо, пасояндҳо ва дигар воситаҳои алоқа чун воситаҳои грамматикӣ; ж) нишон додани хусусиёти услубӣ, умумият ва қаробатҳои ибораҳои феълии осори насрии асрҳои XV- XV1 бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ; з) муайян кардани таҳаввулоти таърихии ибораҳои феълӣ тавассути воситаҳои гуногуни алоқаи наҳвӣ. Ин вазифаҳо сохтор ва мазмуни диссертатсияи Ғаффоров Абдушукурро муайян кардаанд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 4 боб, хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Дар муқаддима муаллифи рисола дар бораи муҳиммияти мавзӯъ, ҳадафҳои дар пеш гузошта, дараҷаи омӯзиш, манбаи таҳқиқ, мақсаду маром, усули таҳқиқ, навигарии илмӣ, моҳияту арзиши назарию амалии мавзӯъ изҳори назар кардааст.

Дар диссертатсия алоқаи вожаҳо дар ибора дар заминаи ибора мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби аввали диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ таҳлилу тасвир гардидааст. Дар боби мазкур роҷеъ ба дараҷаи омӯзиши масъалаҳои назариявии ибораҳо дар забоншиносии умумӣ ва забони тоҷикӣ, ки ба тафсил таҳқиқ шудааст, андешаҳои муфид ба чашм мерасад, ки арзиши муайяни илмиву амалӣ доранд. Инчунин дар ин боб шаклгирӣ ва рушди ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI мавриди пажӯҳиш қарор гирифта,

дар рафти таҳқиқ ба баъзе масъалаҳои ҳалношудаю баҳсталаб, ки дар ин мавзӯъ зиёдаст, диққати амиқ дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсияибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ ном дошта, аз шаш фаслу зерфасл таркиб ёфта, диссертант дар ҳар фасл вобаста ба масъалаҳои гузошташудаи фасл мулоҳизаву андешаҳои худро баён доштааст, ки хеле ҷолиб аст.

Боби сеюм ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд унвон гирифта, дар ин боб алоқаи калимаҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ тавассути пешояндҳои номӣ таҳқиқ шудааст. Ба андешаи диссертант алоқаи пешояндиву пасояндӣ дар забони адабии тоҷик басо сершумору сер-истифодааст. Доир ба алоқаи пешояндиву пасояндӣ дар фасли охири ҳамин боб маълумот оварда шудааст, ки ҷолиби диққат аст.

Боби чоруми диссертатсия фарогири хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ буда, дар он таснифоти маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии давраи мавриди назар таҳқиқ шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 15 банд ҷамъбаст намудааст, ки аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархӯрдоранд.

Ба андешаи мо, гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ, яъне таҳқиқи вижагиҳои дастурӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар асоси маводи осори насрии асрҳои XV-XVI аз дастовардҳои муҳимми соҳиби диссертатсия буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои забоншиносии тоҷик, махсусан дар соҳаи грамматика, кори таҳқиқотии нав маҳсуб меёбад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз баъзе норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кор хеле муфиданд:

1. Дар диссертатсия мисолҳои зиёд оварда шудааст, кам кардани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. Баъзе гурӯҳҳои луғавию семантикии вожаҳои ҷузъҳои ибора равшан таъйин нагардидааст, дар натиҷа баъзе тобишу муносибатҳои синтаксисӣ хира ба чашм мерасад.

3. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ баназар мерасанд (саҳ. 12, 26, 32 ва ғ).

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбар шуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқи анҷом додашударо халалдор намесозад, зеро онҳо вижагии фаннӣ дошта, ислоҳ пазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Метавон гуфт, ки диссертатсияи мавриди тақриз ба талаботи КОА ҶТ, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғаффоров Абдушукур сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризон:** Пардаев Азаммат Баҳронович, декани факултети филологияи Донишгоҳи давлат/ии Самарқанд, доктори илмҳои филологӣ, профессор

Ҷумъа Ҳамроҳ, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илмҳои филологӣ, профессор

**Суроға:** Шаҳри Самарқанд, хиёбони университет 15
**Почтаи электронӣ:** JumaHamroh.@mail.ru
**Телефон: +998915289800**

Имзои Пардаев Азаммат Баҳронович ва Ҳамроев Ҷумақулро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадр Ситора Абдуллаева

«22» апрели 2021 с

Сканировано с CamScanner